«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Б.
«_02_» апрели соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсия ва автореферати доктори фалсафа (Phd)-и Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии “Ҷаҳоннома”- и Муҳаммади Бакрон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология**

Дар таърихи забони адабии тоҷикӣ омӯзиш ва пажӯҳиши хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохти морфологиву грамматикии забони осори мансур ва манзуми шоирону нависандагони асрҳои X-XIV хеле муҳим аст, чунки маҳз дар ҳамин давраҳо забони адабӣ ташаккул ёфта, пояҳои онро мустаҳкаму устувор намудаанд.

Бинобар ҳамин, пас аз ҳамаҷониба омӯхтани хусусиятҳои хоси забони осори ин давра имконият фароҳам меояд, ки ба андешаҳои роҷеъ ба масоили ҷудогонаи сарфиву наҳвӣ ва луғавии забони тоҷикӣ баёнгардида аз нуқтаи назари забоншиносӣ баҳои мушаххас ва дақиқ дод.

Яке аз чунин вазифаҳои асосиву муҳим омӯзиш ва баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ, сохти грамматикӣ, луғот ва услуби забони осори шоирону нависандагони алоҳида, дар мисоли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон мебошад. Аз ин ҷиҳат, таҳлил ва таҳқиқи забони “Ҷаҳоннома”-и Муҳаммади Бакрон низ дар муайян сохтани бархе аз вижагиҳои маъноиву луғавӣ ва грамматикии забони давр яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои луғавию маъноӣ, морфологиву грамматикӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба он яке аз мавзӯъҳои хеле муҳим буда, дар забони асарҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ низ ҷойгоҳи махсуси худро доранд, ки “Ҷаҳоннома”- и Бакрон ҳам маҳсуб аз чунин асарҳост.

Ба аҳли илму фарҳанг, махсусан муҳаққиқони забоншинос пӯшида нест, ки забони асарҳои таърихиву ҷуғрофӣ аз нуқтаи назари вижагиҳои луғавию маъноӣ, морфологиву грамматикӣ дорои маводи рангорангу ғанӣ мебошанд ва аз чунин хусусиятҳо “Ҷаҳоннома”- и Бакрон низ истисно нест. Аз ин рӯ, “Ҷаҳоннома” аз қабили он осори боарзишу судманди садаи XIII ба шумор рафта, дорои арзишҳои бузурги илмӣ, ҷуғрофӣ, мардумшиносӣ ва бадеӣ мебошад, ки қимати худро то ба имрӯз нигоҳ доштааст. Дар ин асар захираҳои бисёр муҳими забонӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ истифода гардидааст, ки муҳаққиқ онҳоро дар диссертатсия бо як низоми муайян дастабандӣ намуда, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Аҳамияти омӯзиш ва пажӯҳиши ин мавзӯъ, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки роҷеъ ба ин масъала дар забоншиносии тоҷик чунин таҳқиқоти ҷудогона бори нахуст рӯйи кор омадааст. “Ҷаҳоннома” яке аз намунаҳои насри таърихиву ҷуғрофии асри XIII буда, омӯзиши таркиби луғавии забони он бисёр муҳим аст. Дар диссертатсия муҳаққиқи ҷавон Фирӯза Қодирова бори нахуст нақши калимаву истилоҳоти асливу иқтибосӣ, хусусиятҳои сохторӣ, луғавию маъноӣ, номвожаҳои ҷуғрофӣ ва амсоли инҳоро ба таври мушаххас нишон додааст.

Ҳадафи асосии ба риштаи пажӯҳиш ворид сохтани хусусиятҳои луғавӣ-маъноии “Ҷаҳоннома”-и Бакрон ташаккули низоми луғоти соҳаҳои гуногуни забони тоҷикӣ мебошад.

Навгонии пажӯҳиши диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки ин масъала бори нахуст аз ҷониби Фирӯза Қодирова ҳамчун таҳқиқоти алоҳида дар чунин шакл таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои онро метавон дар лексияву машғулиятҳои амалии факултетҳои филологии мактабҳои олӣ, таълими дастури забони тоҷикӣ истифода кард.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 191 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана аҳамияту зарурати пажӯҳиш, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва сарчашмаҳои мавҷудаи таҳқиқ, вазифаву усулҳо, марҳилабандӣ ва навгониҳои илмии маводи пажӯҳиш, аҳамияти амаливу назариявӣ ва ғайраҳо ба риштаи таҳқиқ даромадааст.

Боби аввали диссертатсия "Гурӯҳбандии лексикаи "Ҷаҳоннома" унвон дошта, нахуст калимаҳои аслии ин асари ҷуғрофӣ-таърихӣ вобаста ба вижагиҳои маъноиашон ба гурӯҳҳои мавзӯӣ дастабандӣ гардидаанд. Муҳаққиқ ин бахши калимаҳоро дар 12 банд мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст, ки асосан аз вожаҳои ифодакунандаи марбут ба инсон, номи ҳайвоноту парандагон ва хазандаҳо, вожаҳои соматикӣ (узвҳои бадан), касбу ҳунар, машғулияту унвон, номҳои сару либос ва таҷҳизоти ороишӣ, макону ҷой, падидаҳои табиӣ, истилоҳоти миқдору масоҳат, вақт, фаслҳои сол, меъморӣ, сохтмон, соҳаи боғдорӣ, кишоварзӣ, номи растаниҳо, моддаҳои химиявӣ ва ғайраҳо иборатанд. Аз калимаву истилоҳоти дар бандҳои ҷудогона таҳқиқшуда чунин ба мушоҳида мерасад, ки бештари онҳо дар ҳамон шаклу маънои пешинаи худ имрӯз низ ба кор меравaнд.

Маълум аст, ки дар ҳар давру замон таркиби луғавии забон дигаргун мешавад, бо мурури замон калимаҳои нав ба вуҷуд меоянд ва бархе аз онҳо аз доираи истифода берун монда, ба бахши калимаҳои кӯҳнашуда дохил мешаванд. Бинобар ҳамин, дар "Ҷаҳоннома" ҳам ин гуна калимаҳо мавҷуданд, ки Фирӯза Қодирова ин бахшро дар банди алоҳида баррасӣ кардааст.

Сарчашмаи дигари ғанӣ гардидани забон, ин иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар мебошад. Ин ҳодиса дар натиҷаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ ба вуҷуд омада, дар ташаккул ёфтани таркиби луғавии забон мавқеи муҳим доранд. Аз ин ҷиҳат як банди "Ҷаҳоннома"-ро муҳаққиқ ба таҳлил ва пажӯҳиши калимаҳои иқтибосӣ

бахшидааст, ки қисмати асосии вожаҳои ин навъро калимаҳои арабӣ ва гурӯҳи дигарро вожаҳои юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ, туркӣ ташкил медиҳанд.

Боби дуюм “Категорияҳои луғавӣ-маъноии “Ҷаҳоннома” номгузорӣ шуда, аз чор банд таркиб ёфтааст. Муҳаққиқи ҷавон категорияҳои луғавӣ-маъноии асарро ба вожаҳои дорои маъноҳои гуногун (сермаъно), ҳамшакл, ҳаммаъно, зидмаъно гурӯҳбандӣ намудааст.

Дар банди якуми ин боб калимаҳои сермаънои асар, сарчашмаи пайдоиши маъноҳои иловагӣ ва бархе аз муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба ин масъала андешаҳои худро баён намудаанд, маълумот дода шудааст.

Банди дуюм ба таҳлил ва таҳқиқи вожаҳои ҳамшакл, ки дар забоншиносӣ бо номи омоним маъруфият дорад, бахшида шуда, онҳоро Фирӯза Қодирова ба се гурӯҳ: омонимҳои лексикӣ, омонимҳои лексикиву морфологӣ, омонимҳои ономастикӣ дастабандӣ намуда, тасниф кардааст.

Банди сеюмро калимаҳои ҳаммаъно – муродифот (синонимҳо) ташкил медиҳанд. Ин навъи калимаҳо воситаи муҳими забон ба шумор меравад ва яке аз роҳҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ мебошанд. Муҳаққиқ синонимҳои “Ҷаҳоннома”-ро ба гурӯҳҳои мавзӯӣ ҷудо карда, онҳоро дар нақша (ҷадвал) тасвир намудааст, ки қиммати диссертатсияро афзун месозад.

Банди чорум мутааллиқ ба калимаҳои зидмаъно ё антонимҳо буда, масъалаҳои назариявӣ, яъне андешаи донишмандони забоншинос дар бораи ин масъала, муҳимияти ин хели калимаҳо, мақсади истифода ва пайдоиши онҳо маълумот дода шудааст. Аз маводи таҳлил ва таҳқиқи муаллифи диссертатсия бармеояд, ки калимаҳои зидмаъноро Бакрон дар асари худ ба таври фаровон ба кор бурдааст. Ин бахши калимаҳо аз ҷониби диссертант ба гурӯҳҳои гуногун дастабандӣ гардида, бо мисолҳои мушаххасу дақиқ тавзеҳ ёфтаанд.

Боби сеюм “Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор” номгузорӣ шудааст, ки ба андешаи мо агар унвони ба шакли “Ономастика ва таснифоти маъноиву сохтории онҳо” мешуд беҳтар мебуд,

чунки ономастика худ шакли ҷамъро дошта, дар дохили он масъалаҳои гуногун ҷой доранд ва беистифодаи асар, чунки маълум аст, ки мавзӯи таҳқиқ ҳамин асар аст.

Ин боб аз чор фасл ва чор банд иборат буда, дар оғоз диссертант гузориши масъаларо баён намуда, дар бораи бархе аз пажӯҳишҳои муҳаққиқони ин соҳа маълумоти мухтасар додааст.

Фасли аввал ба антропоним ва этнонимҳо бахшида шуда, ин истилоҳҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия шарҳу эзоҳ ёфтааст, ки хеле муҳиманд. Мусаллам аст, ки зери мафҳуми истилоҳи антропономия омӯзиш ва пажӯҳиши номи шахсони маъруф, лақаб ва тахаллуси онҳо фаҳмида мешавад. Ин масъала ҳам аз назари Бакрон пинҳон намондааст ва шахсони зиёди таърихие дар асари ӯ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоро муҳаққиқ таҳқиқ кардааст.

Фасли дуюм ба таҳлил ва таҳқиқи топонимҳо ва таснифоти онҳо бахшида шудааст. Топонимия яке аз масъалаҳои муҳиме мебошад, ки он номвожаҳои географиро новобаста аз ҳаҷмашон ифода мекунад. Аз ин рӯ, муаллиф хусусиятҳои лексикиву маъноии номвожаҳои ҷуғрофии "Ҷаҳоннома"-ро баррасӣ намуда, дар навбати худ онҳоро вобаста ба мавзеъ гурӯҳбандӣ ва тасниф кардааст. Масалан ойконимҳо, ки номи тамоми ҷойҳои зисти аҳолинишинро фаро мегирад, онҳоро боз ба зергурӯҳҳо: полионим, урбаноним, хороним, комоним, спелеоним дастабандӣ гардида, дар бораи ҳар яке маълумот дода мешавад ва истилоҳҳои таркиби асар шарҳ ёфтаанд. Чунончи полионимия – номи шаҳрҳо; комоним – деҳаҳо; урбаноним – номи боғ,қаср, қалъа, масҷид ва ғайраҳо.

Дар бандҳои дигар оронимҳо (кӯҳ, теппа, кӯтал...), спелеонимия (ҷойҳои табиии зеризаминӣ: ғор, ҷӯй, кӯл...), гидронимҳо (минтақаҳои табиии обӣ), антропотопоним (номвожаҳои ҷуғрофие, ки ҷузъи асосии онҳо номи одамон мебошанд), этнотопоним (номи миллат, қавм, қабила) ба риштаи пажӯҳиш даромадаанд.

Фасли сеюм ба таснифи номвожаҳои ҷуғрофӣ аз ҷиҳати сохт иртибот дорад. Диссертант ин навъи номвожаҳоро ба чор гурӯҳ: сода, сохта, мураккаб ва ибора, яъне топонимҳои таркибӣ дастабандӣ карда, барои тақвияти андешаҳои худ шоҳидҳои зиёд ҳамчун намуна овардааст.

Фасли чорум марбут ба шохаҳои дигари ономастика, дар мисоли прагмоним, фитоним ва зоонимҳо мебошад. Прагмонимҳо дар бораи номҳои аслиҳа, асбобҳои мусиқӣ, ҷавоҳирот, сангҳои қиматбаҳо, фитонимҳо – роҷеъ ба гиёҳу растаниҳо ва зоонимҳо оид ба номи ҳайвонот баҳс мекунанд, муҳаққиқ ин бахши номвожаҳоро хеле муфассал ва ба таври дақиқ таҳлил намудааст.

Ҳамин тавр, ҷанбаи илмӣ ва амаливу назариявии диссертатсия мувофиқи матлаб буда, нигорандаи он то ҷойи имкон аз сарчашмаҳои муҳими марбут ба мавзӯъро истифода кардааст, ки ин масъала нишонаи сатҳи дониши баланди муҳаққиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия муҳтавои корро пурра инъикос мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар баробари дастовардҳову комёбиҳои бисёр муҳиму боарзиши илмӣ дар масъалаи омӯзиш ва пажӯҳиши асарҳои ҷуғрофӣ-таърихӣ, дар мисоли “Ҷаҳоннома”-и Бакрон бархе аз нуктаҳои баҳсталаб, камбудиву норасоиҳои ҷузъӣ, ғалатҳои услубиву мантиқӣ, имлоиву техникӣ ва ғайраҳо дар диссертатсия роҳ ёфтааст, ки иборатанд аз бандҳои зерин:

1. Дар қисмати муқаддамотӣ дар банди сохтори диссертатсия агар роҷеъ ба масъалаҳои баррасишуда, оид ба муқаддима ва бобҳои кор кам-кам маълумотҳои мухтасар дода мешуд, аҳамияти илмиаш афзун мешуд.

2. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров дохили нохунак гирифта шудааст, ки саҳеҳ нест (саҳ. 18, 21).

3. Бархе иқтибосҳо бидуни нохунак оварда шудааст ва ё пас аз кушодани нохунак калимаҳои оғозини иқтибосҳо бо ҳарфи хурд сар мешавад (саҳ. 22, 24, 40, 57, 61, 62, 82, 106, 107, 149).

4. Решашиносии баъзе калимаҳо, ки аз сарчашмаҳои дигар рӯйи кор омадааст, таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, шумораи “ду”, ки шаклҳои он бо забонҳои форсии бостону миёна, ҳиндии қадим, аз ҷумла суғдӣ ҳам. Бояд гуфт, ки дар забони суғдӣ шумораи “ду” ба сурати $з^{в}$ не, балки ба гунаи δwā́ (dw’) маълум будааст. Роҷеъ ба ин масъала метавон маълумоти

бештаре аз “Фарҳанги суғдӣ”- и Бадруззамон Қариб (Теҳрон, 1995) пайдо кард.

5. Агар баъзе калимаҳои арабии ба хонандаи тоҷик номафҳум, монанди таъриб, таноқуз, маъхуз ва ғайра, ки дар забони тоҷикӣ ба кор намераванд, муодили тоҷикии онҳо оварда мешуд ва ё дар дохили қавс шарҳ меёфтанд, аҳамияти диссертатсия меафзуд: **таъриб** (калимаро мувофиқи қоидаи забони арабӣ талаффуз кардан) – саҳ. 34, 38.

6. Баъзе ҷумлаҳо каме ноқисанд: Ҳам ӯ бар он ақида аст... (саҳ. 38) аз ҷиҳати мантиқ дуруст нест. Шакли дурусти он дар забони тоҷикӣ чунин аст: ӯ ҳам бар он ақида аст, ки ...

7. Дар диссертатсия калимаҳое истифода шудааст, ки хусусияти лаҳҷавӣ дорад: дахл доштагӣ (саҳ. 40), шакли дурусти адабиаш **дахл дошта,** рӯй додагӣ (саҳ. 43); дурусташ **рӯй дода**.

8. Муҳаққиқ дар кори илмӣ бештар **ба тавассутиро** ба кор бурдааст, ки истифодаи пешоянди **ба** зиёдатист: дурусттараш **тавассути** ва ё **ба воситаи**.

9. Дар саҳифаи 60 чанд банд дар бораи тарзҳои кӯчондани маънӣ оварда шуда, вале сарчашма нишон дода нашудааст.

10. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, китобатӣ, услубиву мантиқӣ роҳ ёфтааст (саҳ. 15, 17, 20, 21, 22, 26, 29, 34, 36, 38, 40, 48, 49, 61, 67, 84, 120, 125, 133, 136, 155, 161) ва ғайра.

Дар маҷмӯъ, камудиву норасоиҳо, ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услубиву мантиқӣ ва дигар иштибоҳҳои ҷузъии мавҷуда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муҳиму боарзиши муҳаққиқи ҷавонро коста намесозанд. Ғалатҳову нуқсонҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, боиси беҳтар ва сифатан хубтар гардидани ҷанбаҳои илмии диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия бо муҳтавои автореферат, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф ёфтааст, мувофиқат мекунад. Инчунин муҳтавои корро мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии “Ҷаҳоннома”-и Муҳаммади Бакрон” таҳқиқоти ба анҷомрасида ба шумор рафта, посухгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа

(Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502) – Забони тоҷикӣ аст.

Тақриз дар ҷаласаи Шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ муҳокима гардидааст. Дар ҷаласа 9 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест, суратҷаласаи № 6/21, аз «01» апрели соли 2021.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири шуъбаи забони**
**Институти забон ва адабиёти ба номи**
**Рӯдакии АМИТ**
**номзади илмҳои филологӣ,** **Мирзоев Сайфиддин**

**Ташхисгар:**
**ходими илмии шуъбаи забони**
**Институти забон ва адабиёти ба номи**
**Рӯдакии АМИТ**
**номзади илмҳои филологӣ** **Аламшоев Шервоншо**

**Котиби ҷаласа:**
**ходими илмии шуъбаи забони**
**Институти забон ва адабиёти ба номи**
**Рӯдакии АМИТ**
**номзади илмҳои филологӣ** **Шарифова Гулҷаҳон**

**Суроға: 174025 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21**
**Тел: 227-27-52**
**Сайт: htt://anrt.tj**
**E-mail: sayf_yagnob@mail.ru**
**Тел: 919 80 38 20**

**Имзоҳои С. Мирзоев, Ш.Аламшоев ва**
**Г. Шарифоваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**забон ва адабиёти ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Ҳилола Нарзиқулова**